# ТАҚРИЗИ РОҲБАРИ ИЛМӢ

ба диссертатсияи Исмоилов Шокирҷон Ғуломович дар мавзуи: «Таҳқиқи гуманизатсияи иҷтимоию психологии муносибатҳои байнишахсӣ дар синни наврасӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои психологӣ аз рӯйи ихтисоси 19.00.05 – психологияи иҷтимоӣ (илмҳои психологӣ).

Исмоилов Шокирҷон Ғуломович аз соли 2020 унвонҷӯи кафедраи умумидонишгоҳии психологияи умумии МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» маҳсуб ёфта, рисолаи илмии худро дар мавзуи «Таҳқиқи гуманизатсияи иҷтимоию психологии муносибатҳои байнишахсӣ дар синни наврасӣ», ҷиҳати дарёфти унвони илмии номзади илмҳои психологӣ аз рӯйи ихтисоси 19.00.05 – психологияи иҷтимоӣ барои баррасӣ пешниҳод намудааст.

Мубрамияти мавзуи дар рисола тадқиқшавандаро гуманизатсияи иҷтимоию психологии муносибатҳои байнишахсӣ ифода менамояд, ки масъалаи муҳимми иҷтимоӣ-психологӣ ва педагогӣ буда, таҳқиқи он бо истифодаи раҳёфтҳои байнифаннӣ амалӣ мешавад ва ҳамгирои муносибатҳоро дар самти гуманизатсияи ҳаёти наврас дар бар мегирад. Генезиси механизмҳои психологии ворид намудани бачаҳо ба гуманизатсияи ҳамкориҳо ҳамчун субъекти муносибат ва махсусияти татбиқи он моҳияти мафҳуми «гуманизатсия» ва интихоби шароитҳои мусоиди психологии ҷалб намудани наврасонро ба раванди муносибатҳои байнишахсӣ дар ҷомеа, инчунин натиҷаҳои эҳтимолии инкишофи шахсии онҳоро муайян мекунад. Афкори гуманистӣ маҳаки асосии мазмуни умумибашарии маънавиётро ташкил дода, дар шуури ахлоқӣ таҷассум меёбад ва самтбахшандаю танзимкунандаи фаъолияти одамон мегардад. Намояндагони илм ба шахсияти солим ва пайваста инкишофёбанда таваҷҷуҳ доранд, ки мақсади он худвоқеиятбахшӣ мебошад. Хислатҳои асосие, ки одамиятро тавсиф медиҳанд, ин накукорӣ, хайрхоҳӣ, саховатмандӣ, меҳру муҳаббат, раҳму шафқат, самимият, дӯстӣ, бародарӣ ва ғайраҳо мебошанд, ки онҳоро

мутафаккирони классики тоҷик дар тӯли ҳазорсолаҳо тараннум кардаанд. Ба ақидаи онҳо роҳи башарият тавассути ақл мегузарад, ки инсонро барои ба танзим даровардани корҳояш водор намуда, ӯро ба корҳои хайру наҷиб ҳидоят мекунад.

Дар шароити кунунии рушди ҷомеа ҳангоми таълиму тарбияи насли наврас дар мадди аввал шахсиятсозӣ меистад, зеро маҳз шахсияти комил метавонад арзишҳои умумиинсониро ҳамчун арзишҳои шахсии худ қабул карда, амалу рафторашро дар доираи меъёрҳои инсондӯстӣ танзим намояд. Унвонҷӯ Исмоилов Шокирҷон Ғуломович ҳамин нуқтаро ба ҳисоб гирифта, таҳқиқи гуманизатсияи муносибатҳои байнишахсӣ, ки давраи мусоиди он маҳз ба синни наврасӣ рост меояд ва яке аз масъалаҳои муҳимми илми психология маҳсуб меёбад, мавриди баррасӣ, омӯзиш ва таҳқиқи ҷиддӣ қарор додааст.

Сохтори илмӣ ва методи иҷроиши корҳои тадқиқотӣ ба талаботҳо ва тарзи иҷрои рисолаи илмӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои психологӣ мувофиқат менамояд. Унвонҷӯ дараҷаи таҳқиқи мавзуъро аз ҷониби олимони хориҷӣ ва ватанӣ таҳлилу баррасӣ карда, мувофиқи мақсаду фарзия ва методикаҳои тадқиқотӣ, асосҳои назариявию методологӣ ва сарчашмаҳо, заминаҳо ва марҳилаҳо, навгонии илмӣ, аҳаммияти назариявию амалии кори тадқиқотиро корбарӣ намудааст, ки дар радифи он муҳтавои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда арзёбӣ гардидааст.

Дастовард ва арзишнокии илмии кори диссертатсионии Исмоилов Шокирҷон Ғуломович дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф миқдори хеле калони маводҳои боэътимоди ватаниву хориҷӣ, сарчашмаҳои илмиро тадқиқ, муқоиса ва онҳоро аз тарафҳои мухталиф бо ҳам гузоштааст. Як қатор методҳои тадқиқотии байни ҳам алоқамандро вобаста ба мақсад, объекту предмети комилан мувофиқ истифода бурда, корро навиштааст. Аз ин рӯ, хулосаҳои ӯ аз ҷиҳати илмӣ асоснок буда, ҳамаи ҷанбаҳои тадқиқотро ҷамъбаст менамояд. Чунин муносибат нисбати маводи омӯхташаванда ба

диссертант имкон дод, ки ҳамаи вазифаҳои дар пеш гузошташударо ҳал намояд.

Мувофиқи сохтор ва мундариҷаи рисолаи илмӣ тадқиқи амалӣ-эмпирикии муаммоҳои гуманизатсияи муносибатҳои байнишахсӣ пешниҳод гардидааст. Барои иҷрои амалии мақсаду вазифаҳо ва тасдиқ намудани фарзияи тадқиқотӣ муаллиф тавсифи умумии методҳои тадқиқотӣ ва иштирокчиёни онро интихоб кардааст, ки бо воситаи онҳо худбаҳодиҳии шахс, дараҷаи иддао, муносибатҳои байнишахсӣ, ташхиси фаврии эмпатияи наврасон муайян карда мешаванд. Бояд қайд намуд, ки методҳои истифодашаванда асосан аз тарафи психологҳои хориҷӣ коркард ва мавриди истифодабарӣ дар кишварҳои дигар қарор гирифта буданд.

Ба унвонҷӯ муяссар гаштааст, то ин методикаҳои интихобшударо тарҷума намуда, вобаста ба мақсаду вазифаҳои тадқиқотии худ модификатсия ва мутобиқ намояд, аз онҳо эҷодкорона истифода барад, таҳлили сифатию миқдории натиҷаҳои бадастовардашударо пешниҳод намояд. Натиҷаҳои озмоишҳо дар шакли ҷадвалҳо, диаграммаҳо ва расмҳо аз рӯйи шаклгирии худбаҳодиҳии шахсӣ, дараҷаи иддао, муносибатҳои байнишахсӣ, эмпатия коркард ва пешниҳод карда шуданд. Инчунин таҳлили муқоисавии натиҷаҳои таҳқиқи дараҷаи иддао, худбаҳодиҳӣ ва эмпатияи наврасони шаҳру ноҳия гузаронида шудааст.

Таҳлили коррелятсионии нишондиҳандаҳои хислатҳои мавҷудаи шахсияти наврас дар муқоиса бо хислатҳои ташкилёфтаи шахсияти наврас тарҳрезӣ карда шудааст, ки иштирокчиёни тадқиқотро 275 нафар наврасони шаҳру ноҳияи вилояти Суғд ташкил медиҳад.

Истифодаи методҳои тадқиқотҳои назариявӣ ва амалӣ ба Исмоилов Ш.Ғ. имконият додааст, ки иҷроиши мақсаду вазифаҳои тадқиқотӣ, амалисозии фарзияи илмии худро таъмин намояд. Хулосаи бобҳо ва адабиётҳои умумии истифодашуда ба мавзуъ ва мазмуну мундариҷаи рисолаи номзадӣ мувофиқат менамояд.

Дар раванди иҷроиши корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва фаъолияти педагогӣ унвонҷӯ Исмоилов Шокирҷон Ғуломович ҳамчун олим-муҳаққиқ, омӯзгори эҷодкору соҳибтаҷриба ташаккул ёфт. Дар ҷараёни корҳои озмоишии таҳқиқотӣ баҳри ноил шудан ба натиҷаи амиқ саъю талошҳои пайгирона зоҳир кард. Дар вақти корбарӣ бо озмудашавандагон, ҳангоми муоширату муносибат бо наврасон сабру тоқат, таҳаммулпазирӣ ва фарҳанги педагогии худро хеле бамаврид истифода бурда, сазовори эҳтирому эътирофи хосаи онҳо гардид.

Дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ, илмӣ-назариявии ҳамасолаи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, конференсияҳо дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, маҷаллаҳо бо маърӯзаҳо, гузоришҳо фаъолони иштирок намуда, маводҳои таҳқиқоти диссертатсионии худро мавриди баррасиву муҳокима қарор додааст.

Пажуҳиши илмии Исмоилов Ш.Ғ. кори мустақилона анҷомдодашуда маҳсуб ёфта, дорои аҳаммияти назариву амалист ва он дар оянда баҳри густариш ёфтани ин гуна осори таҳқиқӣ роҳро ҳамвор хоҳад намуд.

Диссертатсияи Исмоилов Шокирҷон Ғуломович бо ихтисоси илмии интихобнамудаи муаллиф мувофиқат менамояд. Мавзуи диссертатсия ва мазмуну муҳтавои он ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқӣ, ки дар шиносномаи ихтисоси илмии 19.00.05 – психологияи иҷтимоӣ (илмҳои психологӣ) таъйин шудаанд, комилан мувофиқат мекунад.

Унвонҷӯ аз рӯйи мавзуи таҳқиқоташ дар маҷмуъ 22 – мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз он 8 ададашон дар саҳифаҳои маҷаллаву маҷмуаҳои илмии дар феҳристи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ФР вуҷуддошта интишор шудаанд. Инчунин 14 мақолаи илмии дигари номбурда дар маҷаллаву маҷмуаҳои илмии ҷумҳуриву хориҷ аз он нашр гардидаанд, ки онҳо мазмуну муҳтавои диссертатсияро пурра инъикос менамояд.

Ҳамин тавр, диссертатсияи Исмоилов Шокирҷон Ғуломович таҳти унвони «Таҳқиқи гуманизатсияи иҷтимоию психологии муносибатҳои байнишахсӣ дар синни наврасӣ» ба талаботи бандҳои 31-35-уми Тартиби

додани дараҷаи илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021-ум таҳти №267-ум тасдиқ шудааст, инчунин талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои психологӣ аз рӯйи ихтисоси 19.00.05 – психологияи иҷтимоӣ (илмҳои психологӣ) аст.

**Роҳбари илмӣ:**
Номзади илмҳои психологӣ,
дотсенти кафедраи психологияи
иҷтимоӣ ва касбии Муассисаи
давлатии таълимии «Донишгоҳи
давлатии Хуҷанд ба номи
академик Бобоҷон Ғафуров» **Зайтметов Ҳ.А.**

“02” январ соли 2024

**Маълумот барои тамос:**
Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Мавлонбеков, 1.
Муассисаи давлатии таълимии
«Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи
академик Бобоҷон Ғафуров»
Почтаи электоронӣ: zaytmtovk@mail.ru
Тел: (92) 991-11-03

“Имзои дотсент Ҳ.А.Зайтметовро тасдиқ мекунам”:

**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои**
**махсуси МДТ «Донишгоҳи давлатии**
**Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»** **Ҳусейнова З.С.**

**Маълумот барои тамос:**
Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Б. Мавлонбеков, 1.
Тел: (+992) 117070700
E-mail: n.ehson@mail.ru
“02” январ соли 2024